**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар даврони муосири инкишофи ҷомеа ҷазо ҳамчун воситаи муҳим ва ниҳоии мубориза бо ҷинояткорӣ боқӣ мемонад. Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим таъини ҷазо танзими ҳуқуқии мукаммал ва аз назари илмӣ асоснокро талаб месозад, ки дар асоси он ба шахси гунаҳгор ҷазои сазовор дода шуда, тавассути амалисозии ин ҷараёни ҳуқуқӣ бояд талаботи принсипи адолат риоя шавад ва ҷазо дар ҳадде таъин гардад, ки барои ноил шудан ба мақсади дарпешгузошташуда заминаи ҳуқуқиро фароҳам орад. Маҳз дар ҳамин мафҳум моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон институти таъини ҷазо то ҳадди муайян коркард ва мустаҳкам карда шудааст, вале масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо то имрӯз баҳсталаб боқӣ мемонад, ки ин омил аз ҷой доштани иштибоҳоти судӣ ҳангоми татбиқи моддаҳои 67 ва 68 КҶ ҶТ далолат медиҳад. Маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо таъини ҷазои сазоворро ба шахси дар чунин ҳолат ҷиноятсодирнамуда талаб намуда, коркарди механизми нисбатан мукаммали таъини ҷазоро дар бар мегирад.

Аз таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ маълум мегардад, ки на ҳама вақт судҳо ба содир кардани якчанд ҷиноят аз ҷониби шахсони алоҳида баҳои дурусти ҳуқуқӣ медиҳанд. Масалан, баъзе судҳо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ҷазо муайян намуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳар як ҷинояти содиршуда, инчунин шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои корро ҳаматарафа ба назар намегиранд. Дар ин маврид ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба ҷойи пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳои барои ҳар як ҷинояти алоҳида таъиншуда, бе асосноккунии ҳамаҷониба, ҷазои ниҳоӣ бо дарназардошти ҷазои сабуктарро фаро гирифтани ҷазои вазнинтар, таъин карда мешавад.

Дар ҳолатҳои алоҳида судҳо ҳангоми таъини ҷазо барои содир намудани якчанд ҷиноятҳо аз рӯйи моддаҳои мухталиф ба ҷойи он ки ҷазоро дар асоси м. 67 қ. 3 КҶ барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъин намоянд,

сахван онро мутобиқи моддаи 68 КҶ ҶТ, аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, таъин менамоянд.

Инчунин, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани қисми адонашудаи ҷазо бо ҳукми пештара ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки қисми адонагардидаи ҷазо аз рӯйи ҳукми пештара ба ҷазои ҳукми охирин қабулгардида умуман зам карда намешавад.

Дар амалия ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки баъзе судяҳо ҳангоми таъини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки пас аз баровардани ҳукм, вале то эътибори қонунӣ пайдо намудани он аз рӯйи парванда содир карда шудаанд, ба хатогӣ роҳ дода, ба ҷойи таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ҷазо таъин мекунанд.

Бо назардошти ҳолатҳои ҷойдошта дар мубрамияти кори диссертатсионӣ, ки ҳалли масъалаҳои мазкурро ба миён гузоштааст, шубҳа ҷой надорад.

Дар баробари ин таҳлили хатогиҳои судӣ нишон медиҳад, ки онҳо на ҳама вақт оқибати бепарвоӣ ё надонистани қонун аз ҷониби судяҳо мебошанд. Баъзан сабаби сар задани хатогӣ номукаммалӣ ва номувофиқии матни қонун ба ҳисоб рафта, ин омил маънидодкунии онро мушкил мегардонад.

Масалан, ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо дар бисёр мавридҳо норавшан аст, ки суд ин ё он роҳи таъин намудани ҷазои ниҳоиро интихоб намуда, бояд кадом муқарраротро ҳамчун сарчашма ба инобат гирад. Чунин ҳолат барои судҳо ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ мушкилиро ба вуҷуд оварда, дар одилона будани ҷазои таъиншуда барои маҳкумшуда шубҳаро ба миён меорад, баъзан ҷазои аз рӯйи маҷмуъ таъиншуда бо андоза ё муҳлати худ аз ҷазои барои ҷинояти алоҳида таъиншуда чандон фарқ надорад.

Дар КҶ ҶТ тартиби таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯйи тартиби қ. 6, м. 67 КҶ ҶТ ҳангоми ҷой доштани шартан татбиқ накардани ҷазо аз рӯйи парвандаи аввал муайян нашудааст.

Масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ҳамеша ба худ ҷалб сохтааст, аммо дараҷаи омӯзишу таҳлили ин масъалаи муҳим то имрӯз нокифоя ба назар мерасад. Масалан, то ҳол дар мавриди ҷудо намудани вақте ки пас аз он содир намудани ҷинояти нав боиси таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо мегардад, инчунин лаҳзаи баровардани ҳукм ё эътиборӣ қонунӣ пайдо намудани он, андешаҳои ягона ҷой надоранд. Дар қонун

тартиби қисман зам намудани ҷазо муайян нашудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, қисми ҷазоҳои таъиншударо аз диди худ зам намоянд ва як қисми ҷазои барои ҷиноятҳои алоҳидаи ба маҷмуъ дохилшавандаро умуман ба эътибор нагиранд, ки ин омил боиси беасос озод гардидан аз қисми ҷазои таъиншуда мегардад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Аминзода Зокирҷон Тоҳир соли 1992 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 1998 хатм намудааст.

Аминзода Зокирҷон Тоҳир солҳои 2000-2017 дар вазифаҳои судяи судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Синои шаҳри Душанбе, муовини раиси Суди шаҳри Душанбе, раиси Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ва раиси Суди шаҳри Панҷакент фаъолият кардааст. Аз 18 майи соли 2017 бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №412 ба вазифаи муовини Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст. Инчунин, Аминзода Зокирҷон Тоҳир солҳои 2013-2020 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Кори диссертатсионии Аминзода Зокирҷон Тоҳир аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Маҷмӯи ҷиноятҳо ҳамчун зоҳиршавии сершуморагии ҷиноятҳо»** аз ду зербоб иборат буда, дар доираи он масъалахо вобаста ба мафҳум ва шаклҳои сершуморагии ҷиноятҳо ва мафҳуми маҷмуи ҷиноятҳо ва намудҳои он мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи унвонҷӯ, ҳар як кирдори ҷиноятие, ки дар доираи сершуморагӣ баррасӣ мегардад, бояд ҳатман дорои таркиби мустақили ҷиноят бошад. Дар сершуморагии ҷиноятҳо на шумораи зиёди кирдорҳо, балки миқдори таркибҳои ҷиноятӣ нақши муайянкунанда дорад. Ин таркибҳо метавонанд аз лиҳози аломатҳои худ, ба монанди объект, тарафи объективӣ ва субъективӣ, бо ҳам мувофиқат ё ихтилоф дошта бошанд. Бо вуҷуди фарқияти имконпазири онҳо, ҳамаи ҷиноятҳое, ки ба сершуморагӣ

дохил мешаванд, як аломати умумӣ доранд, ки он ҳам бошад, субъекти ягонаи ҷиноят – як шахси мушаххас мебошад. Маҳз мавҷудияти ин субъекти ягона аст, ки ҳамаи кирдорҳои содиршударо дар шакли маҷмуи том ва ягона муттаҳид месозад. Дар ҳамин ҳол, ҳар як кирдори содиршуда аҳамияти мустақили худро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ нигоҳ медорад.

Боби дуюми рисола таҳти унвони **«Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо»** таҳия шуда, дар он асосҳои умумии таъини ҷазо, хусусиятҳои татбиқи онҳо ҳангоми маҳкум намудани шахс аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва тарзҳои таъини ҷазои ниҳоӣ дар чунин ҳолатҳо мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши ақидаҳои олимон ва таҷрибаи амалии судӣ, рисоланавис ба чунин хулоса мерасад, ки асосҳои умумии таъини ҷазо маҷмӯи қоидаҳое мебошанд, ки бояд аз ҷониби суд ҳангоми таъини ҷазо нисбати ҳар як парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо истифода гарданд. Вале бояд таъкид кард, ки суд ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо фақат пас аз таъини ҷазои алоҳида барои ҳар як ҷинояти ба маҷмуъ шомилшуда ба татбиқи асосҳои таъини ҷазо шуруъ менамояд.

Дар боби сеюми таҳқиқот, ки таҳти унвони **«Таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо»** таҳия гардидааст, масъалаҳои муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо тибқи ҳукми қаблӣ ва усулҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ба таври илмӣ-амалӣ таҳлил карда шудаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки масъалаи мазкур дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки шахси маҳкумшуда қабл аз пурра ё қисман адо намудани ҷазои таъиншуда боз ҷинояти нав содир мекунад. Дар ин робита, мувофиқи талаботи қисми 1-и моддаи 68-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар маҳкумшуда пас аз эътибор пайдо кардани ҳукми судӣ ва пеш аз адои пурраи ҷазои он ҷинояти наверо содир намояд, суд ҳуқуқ дорад қисми адонашудаи ҷазоро аз рӯйи ҳукми пештара пурра ё қисман ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъингардида зам намояд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида

ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Хулоса, диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Т.Ш.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Алишер Н. 6/1 ҳуҷ. 12.
Тел.: (+992) 918408600
Email: takdirshoh@mail.ru

Имзои Шарипов Т.Ш. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«28» марти 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj